**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½ , www/ddtt.tj)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос Юсуфзода Исмоил Умарали дар мавзуи «Такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900-Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901- Иқтисодиёти меҳнат)**

Баррасии вазъи муосир ва тамоюли рушди муносибатҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки айни замон масъалаи такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ, яке аз масоили калидии соҳа шинохта шуда, аҳамияти зарурироо дар худ таҷассум мекунад. Бинобар ин, такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар бахши кишоварзии мамлакат бо назардошти афзоиши аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ба мақсад мувофиқ мебошад.

Феълан, дар бозори меҳнати бахши аграрии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон номутаносибии фарқияти ҷойҳои корӣ арзи вуҷуд дорад. Ин зуҳурот дар натиҷаи ба бекории ошкор табдил ёфтани бекории пӯшида шакл гирифта, хусусияти миқдорӣ ва сифатии захираҳои меҳнатиро низ дар худ таҷассум мекунад. Ҳамзамон, номувофиқии сатҳи касбият ва дараҷаи тахассусмандии захираҳои меҳнатӣ ба коҳишёбии даромаднокии аҳолӣ ва шароити иқтисодии соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ низ таъсиргузор мебошад.

Бинобар, дар шароити рушди бо тадриҷи муносибатҳои иқтисодӣ, методологияи такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзии мамлакат, бояд аз нав коркард карда шавад. Зарурати омӯзиши тамоюл ва қонуниятҳои рушд, ҷустуҷӯи самтҳои асосии такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатии соҳаи кишоварзии вилояти Суғд мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро таҳқиқ намудааст.

Дар автореферати тақризшаванда самтҳои самаранок истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ муфассал таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Инчунин, муаллиф дар автореферат як қатор мушкилоти истифодаи захираҳои меҳнатии кишоварзиро ба

таҳқиқ расонида, низоми истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ, омилҳо, самтҳои он, хусусият, инчунин самтҳои асосии ташкили меҳнат ва омилҳои ба маҳсулнокии меҳнат таъсиркунандаро дар объекти таҳқиқот аз набудани пойгоҳи моддӣ-техникӣ, сатҳи пасти сармоягузорӣ ба воситаҳои истеҳсолот, афзоишёбии теъдоди хоҷагиҳои кишоварзии ҳолати молиявиашон хароб рабт дода, таъмини истифодаи самараноки захираҳои меҳнатиро дар соҳаи кишоварзии мамлакат аз бартарафсозии саривақтии ин муаммоҳо асоснок менамояд.

Қайд кардан бо маврид аст, ки дар саҳифаи 8-и автореферати кори диссертатсионӣ навгонии чорум пешниҳод шудааст, ки дар шароити ҳозира онро яке аз масъалаи муҳимму зарурӣ арзёбӣ кардан мумкин аст. Чунончӣ, муаллиф ҳавасмандиро ҳамчун омил ва механизми муҳими таъмини рушди истифодаи самаранокии захираҳои меҳнатӣ асоснок намудааст. Инчунин, омилҳо ва равиши ҷадиди муайян намудани музди меҳнат дар асоси қонуни музди меҳнат аз микдор ва сифати меҳнати сарфшуда таҳлил ва натиҷабардорӣ шуданад. Дар заминаи талаботи техникӣ, технологӣ ва иқтисодӣ муайян намудани музди меҳнати кормандон ва роҳбарон аз даромади умумӣ ҳамчун тарзи муносиб, ки ба баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии хоҷагиҳо хизмат менамояд, пешниҳод гардидааст. Ба назари ин ҷониб, ин тадбирҳо имконият медиҳанд, ки ҳавасмандии кормандон ба таври ҷиддӣ афзоиш ёфта, фаъолияти меҳнатии онҳо самараноктар гардад.

Бо вуҷуди муваффақиятҳо дар автореферати диссертатсия дар баъзе қисматҳои он камбудиҳо ба мушоҳида мерасанд:

1. Баъзе аз ҷадвалҳои дар автореферат овардашуда, таҳлили начандон пурраро дороянд.

2. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат истилоҳоти мушкилфаҳм ва ғалатҳои имлоӣ мушоҳида мешавад.

Дар маҷмуъ, камбудиҳои номбаршуда ба муҳтавои автореферати мазкур таъсири манфӣ нарасонида, ба мазмуну мундариҷаи он халал ворид намекунанд.

Қобили зикр аст, ки диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи «Такмили механизми истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Суғд)» ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900 - Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901- иқтисодиёти меҳнат) пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» мувофиқ буда, муаллифи он Юсуфзода Исмоил Умарали сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси

6D051900 - Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901- иқтисодиёти меҳнат) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедари таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодӣ Тоҷикистон** **Қутратов Р. Р.**

Имзои д.и.и., Қутратов Р. Р.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодӣ
Тоҷикистон Мирҷамолов М. А.

Суроға:
734067, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон
н. Сино, кӯчаи Нахимов 64\14 www.tgeu.tj
E-mail: farzona070489@mail.ru
Тел: (+992) 555 02 20 00